Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсия Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити тағйирёбии иқтисоди ҷаҳонӣ, ҷорӣ гардидани таҳримҳои иқтисодӣ аз ҷониби давлатҳои Ғарб ва Аврупо ба иқтисодиёти давлатҳои шарики Тоҷикистон вазъият дар бозори меҳнат низ тағйир ёфта истодааст. Вобаста ба ин такмили механизми танзими бозори меҳнат бо назардошти равандҳои муҳоҷират хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Бозори меҳнат муҳимтарин бозоре дар назар дошта мешавад, ки фаъолияти дигар субъектҳои иқтисодӣ аз он вобастагии назаррас дорад. Дар шароити муосир бозори меҳнати дохилии Тоҷикистон бо назардошти барзиёд будани қувваи корӣ ва нисбатан кам будани арзаи кор аз бозори меҳнати байналмилалӣ фарқ карда хусусиятҳои худро доро мебошад. Аз як тараф раванди муҳоҷират ба коҳиши вайроншавии таносуби арзаю тақозо ба қувваи корӣ оварда аз тарафи дигар ба кам гардидани мутахасисони болаёқат, фирори мағзҳо оварда мерасонад. Вобаста ба ин таҳлили ҳамаҷонибаи бозори меҳнат, ошкор намудани омилҳои таъсиррасонанда ба он, тамоюли тағйирёбии он мушкилоти муҳим буда таҳқиқоти илмии асоснокро тақозо менамояд. Дар автореферати диссертатсия мазкур кушиши аз нигоҳи назариявӣ таҳлил, таҳқиқ ва коркарди пешниҳодҳо оид ба мукамалгардонии механизми танзими давлатии бозори меҳнат бо назардошти муҳоҷирати меҳнатӣ карда шудааст, ки ба ақидаи мо боиси дастгирист. Автореферати диссертатсия мазкур ба яке аз масълаҳои муҳим бахшида шуда фарогири масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошад. Инчунин муҳимияти мавзуи мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар асоси лоиҳа ва барномаҳои афзалиятноки илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ ба монанди «Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Консепсияи рушди шуғли

пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» алоқаманд мебошад омода карда шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз нигоҳи назариявӣ асоснок карда шуда барои такмили механизми танзими давлатии бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад мавриди истифода қарор дода шавад. Дар автореферати диссертатсия хусусиятҳои бозори меҳнати дохилӣ ва берунии кишвар мавриди таҳлил қарор гирифта, мушкилоти вазъи шуғл, сатҳи бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва номувофиқати сохтории қувваи корӣ бо талаботи иқтисоди миллӣ муайян гардидааст. Аз ҷумла, муаллиф зикр менамояд, ки сатҳи баланди таваллуд, миқдори зиёди аҳолӣ ва паст будани самаранокии корӣ боиси таъсири манфӣ ба мувозинати бозори меҳнат мегардад (саҳ.17).

Бо назардошти таҳлили назариявӣ ва методологияи таҳқиқоти илмӣ муаллиф якчанд принсипҳои калидиро ҳамчун пояи таҳлили самаранокии сиёсати шуғл пешниҳод намудааст, ки барои вусъат бахшидан ба фаъолияти шуғли аҳолӣ мусоидат хоҳанд намуд: принсипи ҳамгироии равишҳои классикӣ ва институтсионалӣ; принсипи таъсири дуҷониба (микро ва макро сатҳ); принсипи муҳити иҷтимоӣ (таъсири муҳоҷират ва рақамикунонӣ); принсипи мутобиқшавӣ (фарогирии нишондиҳандаҳои мутобиқ ба шароити миллӣ) (саҳ.20).

Муаллиф дар раванди таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии бозори меҳнат инчунин таъсири рақамикунонӣ ба бозори меҳнатро низ мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки боиси дастгирист ( 21-23).

Инчунин, муаллиф вазъи муосири бозори меҳнатро бо назардошти маълумотҳои оморӣ оид ба захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолии қобили меҳнат, сатҳи бекорӣ ва тамоюли тағйирёбии онро вобаста ба равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ таҳлил намудааст (23-26).

Барои арзёбии ҳолати бозори меҳнат, дар тадқиқот усулҳои таҳлили сохторӣ, тавозунӣ, омилӣ, стохастикӣ ва таҳлили SWOT истифода гардидаанд. Бахусус, матритсаи SWOT-таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи бозори меҳнатро фаро гирифта, тарафҳои пурқувват (мисли автоматикунонии идоракунии соҳа), суст (масалан, сатҳи пасти омодагии кадрҳо), имкониятҳо (таҳияи барномаҳои давлатӣ) ва хатарҳо (таназзули иқтисодӣ, муҳоҷират ва ғайра)-ро муайян менамояд (саҳифаи 26-27, ҷадвали 5).

Мавқеи муҳим дар таҳлили муаллиф ба муассисаҳои хадамоти шуғл ва агентии хусусии кадрӣ дода шудааст. Таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии бозори меҳнат ва дастрасии самараноки аҳолӣ ба ҷойҳои кор, ташкили хадамоти давлатӣ ва хусусии шуғл дар асоси ҳамкорӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират омили

муҳим маҳсуб мешавад. Аз ҷумла, Конфедератсияи байналмилалии агентҳои хусусии шуғл ҳамчун платформаи ҳамоҳангсоз ва муназзами фаъолияти хадамот дар сатҳи байналмилалӣ, дар рушди бозори меҳнат нақши муассир мебозад. Муаллиф ду модели мутобиқшуда барои шароити Тоҷикистонро пешниҳод намудааст: модели танзими бозори меҳнат дар шароити маҳдуд ва фаъол будани муҳоҷират (саҳ. 30-33, расми 3).

Инчунин муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи таъмини шуғли аҳолӣ бо назардошти рақамикунонии иқтисодиёт таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар таҳқиқоти мазкур бахшҳо ва соҳаҳое мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ки дар оянда метавонанд ба таври фосилавӣ ба фаъолияти меҳнатӣ машғул гарданд. Ин ҳолат дар рафти бемории КОВИД-19 баръало эҳсос мешуд, ки корфармоён кормандонашонро ба шуғли фосилавӣ фаро гирифта буданд ва дар оянда низ ҷиҳати кам кардани хароҷоти иҷораи бино, барқ ва дигар хароҷоти маъмурӣ корхонаҳо бо истифода аз технологияи иттилоотӣ ба шуғли фосилавӣ руй меоваранд.

Диссертатсияи мазкур бо забони фаҳмо ва илмӣ навишта шудааст, ки масъалаҳои зиёди иқтисодӣ-иҷтимоии замони муосирро дар бар мегирад, аммо барои бозҳам хубтар гардидани сифати он як қатор тавсияҳо дорем:

1. Дар автореферати диссертатсия ба масъалаҳои назариявии таҳқиқи бозори меҳнат, захираҳои меҳнатӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст, аммо муҳоҷирати меҳнатӣ аз нигоҳи назариявӣ камтар таҳлил карда шудааст;
2. Дар автореферати диссертатсия оид ба фаъолияти муҳоҷирони баргашта ва ё депортшуда хулосаю тавсияҳо оварда нашудааст.

Аммо, эъродҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта сифати кори илмии анҷомёфтаро коҳиш намедиҳад. Автореферати диссертатсия мазкур кори илмии мустақилона анҷомёфта баҳисоб рафта дорои навгонӣ ва пешниҳоду хулосаҳои муҳим мебошад, ки дар оянда барои такмили механизми танзими давлатии бозори меҳнат метавонад мусоидат намояд. Маводҳои чоп намудаи муаллиф фарогири мазмун ва мухтавои автореферати диссертатсия мебошад. Автореферати диссертатсия Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи: «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 трахти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Одиназода Комрон Саидаброр дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ

аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) дода шавад.

**Тақриздиҳанда:** доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои
байналмиллалии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ризозода Т.Р.

Имзои **Ризозода Т.Р. - ро** тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бобоев А.Х.

ШЎЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

28.08.2025

Суроғаи донишгоҳ: Ҷумҳурии Тоҷикистон.
вилояти Суғд ш. Хуҷанд, 17 мкр-р., бинои 1.
Тел: +992(3422) 2-38-11, Факс: +992(3422)2-51-70, E-mail: tsulbp@rambler.ru.